# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи унвонҷӯй Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Дар баробари рушду нумуи самтҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ дар забоншиносии муосир низ самтҳои нави таҳқиқ ба таври рӯзафзун рӯи кор меоянд ва равишу воситаҳои нави таҳқику таҳлили забонии равандҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мавриди коркарду татбиқ қарор мегиранд. Дар ин миён таҳқику пажухиши ҷанбаҳои забонии равандҳои сиёсӣ яке аз самтҳои тоза ва мубраму муҳим арзёбӣ мешавад. Вобаста ба ин яке аз шохаҳои мубрам ва арзишманди забоншиносии муосири тоҷик таҳқиқи вижагиҳои забонии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи забонишносии муқоисавӣ-таърихӣ ва қиёсӣ дар заминаи қиёсу муқобалаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дониста мешавад. Ҳамзамон таҳқиқи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва омӯзиши хусусиятҳои тарҷумаи воҳидҳои забон дар даврони муосир вусъати тоза пайдо карда, дар шароити навини муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои гуногун, аз ҷумла кишварҳои англисзабон, дар самтҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ зарурати чунин пажуҳишҳоро собит мегардонад.

Аз ин лиҳоз мубрамии мавзуи таҳқиқ аз он иборат аст, ки хусусиятҳои забонии дискурси сиёсӣ дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ ҳанӯз мавриди таҳқиқи махсус қарор нагирифтаанд ва ҳамчунин вижагиҳои тарҷумаи унсурҳои забонии дискурси сиёсӣ то ба ҳол ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқоти махсуси монографӣ қарор нагирифтааст. Дар ин росто дискурси сиёсӣ яке аз объектҳои муҳимми таҳқиқоти забоншиносӣ ба шумор рафта, алалхусус, дар забоншиносии тоҷик, ба таваҷҷуҳи хосаи мутахассисони соҳа бештар ниёз дорад ва аз ин лиҳоз пажуҳишу баррасии мавзуи мавриди таҳқиқи диссертатсияи Иматова М.Қ. дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» як самти тозаву нотакрор дар таҳқики дискурси сиёсӣ муаррифӣ мешавад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу баррасии муқоисавии вижагиҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ ва таҳқиқи усулҳои тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ дониста мешавад. Барои татбиқи ҳадафи мушаххасгардида, унвонҷӯй вазифаҳои муҳими илмиро аз қабили баррасии масъалаи ташаккули назарияи дискурс дар забоншиносии Ғарб, таҳқиқи масъалаи шаклгирии назарии дискурс дар забоншиносии рус, ошкор намудани мақоми дискурс дар забоншиносии муосири тоҷикӣ, муайян намудани вежагиҳои луғавии хоси дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷумашиносӣ ва таҳқиқи вижагиҳои маъноиву дастурии хоси дискурси сиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба сомон расонидааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он дида мешавад, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба хусусияти забонии дискурси сиёсӣ дар забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, ба мабнои таҳлилу таҳқиқи муқоисавӣ роҳу воситаҳои тарҷумаи ҷумлаҳои дискурси сиёсӣ ба забони англисӣ бо такя ба мисолҳои мушаххас ва далоили собити назарӣ таҳлилу тасниф шудаанд. Дар баробари ин хусусияти забонии дискурси сиёсӣ бо обуранги миллии худ дар забоншиносии тоҷик бори нахуст маҳз объекти таҳқиқи диссертатсияи мазкур қарор гирифта, дар рафти таҳқиқ ба ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангӣ аз нигоҳи корбурди воҳидҳои забон диққати махсус дода шудааст.

Арзиши назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои илмии он имконоти назариявии олимони забоншинос ва тарҷумашиносро дар бахши дискурси сиёсӣ тақвият медиҳад ва дар раванди омӯзиши хусусиятҳои забонии он ба ҳайси манбаъ ва заминаи илмӣ хидмат хоҳанд кард. Хулосаҳои илмию назарии муҳаққиқ барои рушди минбаъдаи таҳқиқи муқоисавии дискурси сиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва хусусияти тарҷумаи воҳидҳои забон дар дискурси сиёсӣ ҳамчун заминаи назариву фарзиявӣ хизмат хоҳад кард ва натиҷаҳои таҳқиқ дар ҳаллу фасли масоили типологии забонҳо ва таносуби тарҷумавии воҳидҳои луғавию дастурии забон мусоидат хоҳад кард.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки тарзу воситаҳои хоси таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳои забонии дискурси сиёсӣ метавонанд дар раванди омӯзиши бахши луғат ва дастури забонҳо ҳамчун маводди муфиди илмӣ-амалӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди истифода қарор гиранд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия ба танзими забони дискурси сиёсии забони тоҷикӣ аз нигоҳи услуби воҳидҳои забон ва муқоисаи онҳо бо воҳидҳои забони англисӣ ва, ҳамчунин, омӯзиши нозукиҳои тарҷумаи воҳидҳои забонии дискур сисиёсӣ мусоидат хоҳанд кард. Тавсияҳои амалии таҳқиқот дар таҳия ва гузаронидани лексияҳо оид ба забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ, тадриси курсҳои махсус дар муассисаҳои гуманитарӣ барои донишҷӯёни дараҷаи бакалавр, магистрантон, докторантон (Phd) дар таҳияи рисолаҳо, ҳамчунин, таҳияи фарҳангҳои луғоти махсус, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Таҳқиқоти мазкур ва натиҷаҳои таҳқиқ қобили эътимод буда, истифодаи маълумоти саҳеҳ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи илмӣ-таҳқиқотӣ, пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-назариявии муҳаққиқ эътимоднокии пажуҳишро собит менамояд.

Дар ин замина, диссертатсияи “Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)” ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D.КОА-36–6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат буда, дар ҳаҷми 169 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод таҳия шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия,

ҳамчунин объекти таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия “Шинохт ва пажӯҳиши дискурс дар забоншиносӣ” унвон дошта, он ба таҳқиқу таҳлили назарияи умумӣ оид ба ташаккул ва рушди дискурси сиёсӣ ҳамчун риштаи ҷудогонаи илм дар Ғарб, Русия ва Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар зербоби якум - «Ташаккули назарияи дискурс дар забоншиносии Ғарб», доир ба истилоҳи дискурс маълумоти назарявӣ баррасӣ ва таҳлил мегардад. Бам таъкиди муҳаққиқи оид ба масъалаҳои дискурс аз тарафи муҳақиқони Россия, Амрико ва дигар давлатҳои Аврупо таҳқиқоти наззаррас ба анҷом расонида шудааст вале то ба ҳол таърифи возеҳу дақиқи мафҳуми “дискурс” мушаххас нашудааст. Назари муҳаққиқонро ҷамъбаст намуда, муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд, ки дискурс худ муошират ба тарзи шифоҳӣ ё хаттӣ муаррифӣ мешавад.

Дар зербоби дуюм бо номи «Шаклгирии дискурс дар забоншиносии рус» таҳлили омилҳои шаклгирии дискурс дар забоншиносии рус ва инкишофи он сурат гирифтааст. Ба назари муҳаққиқ дар илми забоншиносии муосири рус дискурс яке аз маъмултарин мафҳум ба шумор меравад ва таҳлили дискурсивӣ дар даҳсолаи охир аз усулҳои маъмули таҳқиқотии илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ дониста шуда, омилҳои шаклгирии дискурс ва инкишофи он дар забоншиносии рус низ боиси ба вуҷуд омадани ихтилофи назарҳо доир ба моҳияти дискурс дар миёни муҳақиқон гаштааст.

Зербоби сеюми боби якум бо унвони «Нақш ва мақоми мафҳуми дискурс дар илми забоншиносии тоҷикӣ» ба масъалаҳои таҳқиқу ташаккули мафҳуми илмии дискурс дар забоншиносии тоҷик баъшида шудааст. Муҳаққиқ чунин нуктаи ҷолиброр собит намудааст, ки истилоҳот ва таркибҳои хоси дискурси сиёсӣ дар мисоли забони тоҷикӣ ҳанӯз аз давраҳои таърихии рушди ин забон ташаккул ёфтаанд ва ҳоло барои ифодаи мафҳум ва тобишҳои гуногуни маъноии соҳаи сиёсӣ хидмат менамоянд.

Зербоби чоруми боби якум тахти унвони «Роҷеъ ба баъзе вежагиҳои забонии дискурси сиёсӣ» ба таҳлили хусусиятҳои забонии дискурси сиёсӣ дар умум бахшида шудааст. Натиҷагирии муҳаққиқ дар ин самт чунин аст, ки дискурс маҷмуи матнҳо дар нутқи шифоҳӣ ё хаттӣ дар мавзуъ ё соҳаи мушаххасест, ки бо тарзи баёни воқеият, услуби хос ва аз лиҳози корбурди воҳидҳои забон аз дигар маҷмуи матнҳо фарқ мекунад. Дискурси сиёсӣ як равиши махсуси дискурс ва забон буда, он аз дискурси дигар, аз қабили дискурси илмӣ ва ё дискурси техникӣ маҳз бо махсусиятҳои корбастшавии воҳидҳои луғавӣ ва дастурӣ фарқ мекунад ва дискурси сиёсӣ тавсеаи бештар дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ дорад.

Боби дуюми диссертатсияи мазкур «Хусусиятҳои луғавии дискурси сиёсӣ ва тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ» номгузорӣ шудааст ва дар боби мазкур таҳлили вижагиҳои луғоти марбут ба дискурси сиёсӣ ва ҳамчунин хусусиятҳои маъноии марбут ба дискурси сиёсӣ дар забони тоҷикӣ ва хусусияти тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ гузаронида шудааст.

Зербоби якуми боби дуюм «Роҷеъ ба масъалаҳои луғавии тарҷума» номгузорӣ шуда, ба таҳқиқи таҳвилҳои луғавӣ дар раванди тарҷума бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи мазкур муҳаққиқи бар он назар аст, ки тарҷума раванди мураккаберо мемонад, ки роҳҳои ҳалли масъалаҳои марбут ба он, ҳатто дар ҳолатҳои шабеҳ, аз омилҳои зиёд вобастагӣ доранд ва барои тарҷумаи ин ё он воҳиди забон дар тарҷумашиносӣ чандин роҳу воситаҳои интиқол мавҷуданд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм бо унвони «Таҳлили сохторӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологии дискурси сиёсии забони тоҷикӣ ва ҳусни тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ», хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологии хоси дискурси сиёсӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Миёни мисолҳои таҳлилкардаи муҳаққиқ намунаҳое ба назар мерасанд, ки калимаҳои калидии онҳоро феъл ва исмҳо ташкил медиҳанд ва маҳз аз рӯи мисолҳо воҳидҳои фразеологии марбут ба дискурси сиёсӣ ба ду гурух, яъне фразеологияҳои феълӣ ва фразеологияҳои исмӣ тасниф шуда, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм бо номи «Хусусияти корбурди истилоҳот дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ», муҳаққиқи барои возеҳтар гаштани мафҳуми истилоҳот фикру андешаҳои олимони соҳаро пешниҳод намуда, истилоҳҳоеро таҳлил ва баррасӣ менамояд, ки дар дискурси сиёсӣ фаровон истифода мегарданд. Мисолҳои ҷамъоваришударо муҳаққиқ аз рӯи усули тарҷума, яъне, муодили пурра ва тарҷумаи таҳтуллафзӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст, ки арзиши илмии он назаррас аст.

Зербоби чоруми боби дуюм бо номи «Хусусияти корбурди калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сиёсии марбут ба созмонҳо, стратегияҳо ва иқдомҳои сиёсӣ дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ» вожаҳои ифодакунандаи номи созмонҳо, стратегияҳо ва иқдомҳои сиёсиро аз қабили СММ - Созмони Милали Муттаҳид, СААД - Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, СҲШ - Созмони ҳамкории Шанхай, ба доираи таҳқиқ фаро гирифтааст.

Зербоби панҷуми боби дуюм «Хусусияти корбурди ибораҳои устувор дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ» унвон дошта, ба баррасии ибораҳои устувори дискурси сиёсӣ дар заминаи мисолҳои ҷамъовардаи арзишманд аз рӯи сохтор ва мансубияти калимаҳои калидии онҳо ба ҳиссаҳои нутқ бахшида шудааст.

Дар зербоби шашуми боби дуюм, ки «Хусусияти корбурди калимаҳои ифодакунандаи маҷоз дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ» унвон дорад воҳидҳои махсуси забон баррасӣ шудаанд, ки маъниро ба таври маҷозӣ ифода менамоянд. Муҳаққиқ бо мисолҳои ҷолиб собит менамояд, ки дар матнҳои дискурси сиёсӣ низ калима ва ибораҳое ба назар мерасанд, ки ба маъниҳои маҷозӣ фаровон истифода шудаанд. Гузашта аз ин ба таври маҷозӣ ифода гардидани маънӣ яке аз вижагиҳои дискурси сиёсӣ низ ба шумор меравад.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «Хусусиятҳои дастурии дискурси сиёсӣ ва ҳусни тарҷумаи онҳо тоҷикӣ ба забони англисӣ» ба таҳқиқу баррасии

хусусиятҳои дастурии дискурси сиёсӣ ва роҳҳои интиқоли он аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм, ки «Хусусияти корбурди мухотаб дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи он ба забони англисӣ» унвон дорад, таҳлили таҳқиқи мафҳуми мухотаб бо мисолҳои ҷолиб сурат гирифта, дар ин замина муҳаққиқ мухотабро бо назардошти се гуруҳи таснифотии он чун а) бевосита б) бавосита в) мансуби соҳибсухан ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар ин росто муҳаққиқ бамавридa таъкид менамояд, ки мухотаб дар забони тоҷикӣ бо роҳҳои гуногун ифода ёфта, ба забони англисӣ бо ҳифзи вазифаҳои маъноӣ, услубӣ ва хусусияти сохторӣ интиқол ёфтааст.

Зербоби дуюми боби сеюм бо унвони «Хусусияти корбурди воҳидҳои туфайлии забон дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ», ба масоили корбурди воҳидҳои туфайлии забон ва таснифоти онҳо бо тартиби зайл бахшида шудааст: 1) калимаҳои туфайлӣ; 2) ибораҳои туфайлӣ 3) ҷумлаҳои туфайлӣ. Дар ин зербоб муҳаққиқ панҷ калима, панздаҳ ибора ва шаш ҷумлаи туфайлиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, тартиби тарҷумаи мутаносиби онҳоро низ мушаххас намудааст.

Зербоби сеюми боби сеюм бо номи «Хусусияти корбурди ҷонишинҳои шахсӣ ва сифат дар дискурси сиёсии тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ» ба таҳлилу таҳқиқи ҷоинишҳои шахсӣ ва сифат бахшида шудааст. Ин ҳиссаҳои нутқро интихоб намудани муҳаққиқ бесабаб нест ва омилҳои асосии чунин интихоб аввалан аз робитаи дискурси сиёсӣ бо назарияи антропомеҳварии забон бармеояд ва аз тарафи дигар дар дискурси сиёсӣ воҳидҳои марбут ба ин ду ҳиссаи нутқ басо фаровон истифода мешаванд. Бо чунин тартиб муҳаққиқ собит намудааст, ки ин ду ҳиссаи нутқ, яъне ҷонишин ва сифат ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ бо мақсади риояи одоби муошарат ва мухобироти касбӣ ба таври самаранок истифода мешаванд.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ натиҷагириҳои илмии худро ба таври асоснок дар бандҳои ҷудогона бо хулосабарориҳои арзишманд дар 15 банд муаррифӣ менамояд. Дар фароварди хулосаҳои илмии худ муҳаққиқ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 13 банд тавсияҳои арзишманди худро пешниҳод менамояд.

Дар замимаи диссертатсия муҳаққиқ дар шакли ҷадвал ҷумлаҳои дузабонаро бо мисолҳои воҳидҳои луғавӣ ва дарсту́рӣ ва бо назардошти таносуби онҳо ироа намудааст, ки ба диссертатсия арзиши муайяни амалиро зам кардааст.

Диссертатсияи илмии муҳаққиқ Иматова М.Қ. дорои арзиши назаарраси илмӣ буда, дар баробари дастовардҳо баъзе нуктаҳои қобили интиқодро низ дорад, ки мехостем ба баъзе аз онҳо махсус ишора намоем:

1. Вобаста ба аппарати илмии кор як нуктагирӣ ин аст, ки муҳаққиқ ба манбаъҳои арзишманду муҳими илмӣ ишора намуда, аммо аз ин манбаъҳо қариб истифода набурдааст. Масалан аз рисолаи илмии Шейгал Е.И. «Семиотика политического дискурса» ҳамагӣ дар як маврид бо як ишораи кӯтоҳ муҳаққиқ иктифо мекунад, ҳарчанд ки ин сарчашма яке аз манбаъҳои арзишманд дар бораи дискурси сиёсӣ ба шумор меравад.

2. Зимни таҳияи матни диссертатсия назари интиқодии муҳаққиқ ба маводи тарҷумавӣ камранг аст ва дар ин росто ҳам бо муҳаққиқони дигар ва ҳам бо тарҷумонҳои мутуни гуногуни сиёсӣ унвонҷӯй банудрат вориди баҳс мегардад.

3. Дар баъзе хулосабарориҳои муҳаққиқ мавридҳои ҷудогонаи муғлақбаёнӣ ба назар мерасад. Масалан дар сафҳаи 81 омадааст: « Пас аз ташаккул ёфтан ва ё тасвият (?) карда шудан дар як ё якчанд (?) забони муаллифони ташаббус ин гуна унвонҳои одатан ба забонҳои дигар бо роҳи тарҷумаи таҳтуллафзӣ интиқол мегарданд». Забони ташаббус, яъне манбаи ибтидоии баромади ин ё он мафҳуми нав ҳамеша метавонад аввалан як забон бошад. Дар сафҳаи 73 омадааст: «Ҳарчанд дар ҳолатҳои ҷудогона тарҷумаҳо аз камбудиҳо холӣ нестанд, ки дар боло ба онҳо ишора карда рафт (?)».

4. Дар тасвири феҳристнигорӣ ва ишора бар манобеъ, ҳамчунин дар феҳристи адабиёт тибқи стандарт ва меъёрҳои амалкунанда на ҳамеша талабот риоя карда шудааст.

5. Дар автореферат дар гурӯҳбандии бобҳо ва тавзеҳи онҳо духӯрагӣ ба назар мерасад. Масалан дар саҳифаи 10 автореферат муҳаққиқ таъкид мекунад, ки «боби якум аз се зербоб иборат аст», ҳол он ки боби мазкур чор фасл дорад.

6. Дар сафаҳоти ҷудогонаи диссертатсия нуктаҳои таҳрирталаб (3, 6, 15, 21, 38, 43, 69, 77, 89, 108, 131) ва қобили тасҳеҳ (4, 9, 13, 22, 36, 49, 56, 68, 81, 118, 120) ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

7. Нуктаҳои ишорашуда, ки дар диссертатсия ҷой доранд дар сафаҳоти автореферати диссертатсия низ дида мешаванд.

Мақолаҳои интишоршудаи муҳаққиқ мухтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд ва дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Автореферати диссертатсия (бо гунаҳои тоҷикӣ ва русии он) мазмуну мундариҷаи асосии кори таҳқиқотии М.Қ. Иматоваро фарогир аст.

Бо ҳамин тартиб, кори диссертатсионии Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» ҷавобгӯи талаботҳои корҳои диссертасионии аз ҷониби Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянгардида буда, таҳқиқоти илмии комил ва анҷомёфта аст ва унвонҷӯй барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ: Ректори Филиали
Донишкадаи рушди менеҷменти
Сингапур дар шаҳри Душанбе,                Мухторов
доктори илмҳои филология                Зайнидин Мухторович

05.09.2023.

734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822